**ХУЛОСАИ**
**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 дар назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддиинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Саидзода Диловар Абдулаҳад дар мавзуи «Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

1. Мавзӯи диссертатсионии Саидзода Диловар Абдулаҳад, ки ба таҳқиқи набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияи рақамӣ бо дарназардошти ба эътибор гирифтани дар мисоли Тоҷикистон бахшида шудааст, дар шароити кунунии тавсеаи набардҳои иттилоотӣ, рӯёруии талаботу манфиатҳо, бархурди онҳо, талошҳои нерӯҳо ва гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ баҳри таблиғоти ғояҳои радикалии худ тавассути фазои иттилоотӣ, вобаста ба зарурати мустаҳкам намудани асосҳо ва заминаҳои ҳимояи манфиатҳо ва таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити кунунии рушди Тоҷикистон мубрам ба ҳисоб меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити тағйирёбии босуръати муҳити сиёсӣ ва иҷтимоии ҷаҳонӣ тадриҷан ба марҳалаи нави таҳаввули сиёсӣ ворид мегардад, ки хусусияти асосии он болоравии нақш ва аҳаммияти иттилоот ҳамчун захираи стратегии давлатҳо мебошад. Дар чунин фазои нав иттилоот дигар танҳо воситаи интиқоли маълумот набуда, балки ба унсури калидии қудрати сиёсӣ, иқтисодӣ ва геополитикии кишварҳо табдил ёфтааст. Гузариш ба давраи ҷомеаи иттилоотӣ муносибатҳои сиёсиро бештар динамикӣ, тағйирёбанда ва фарогир мегардонад, зеро равандҳои идоракунии давлатӣ, муборизаҳои сиёсӣ ва шаклгирии афкори ҷамъиятӣ торафт бештар ба воситаҳои муосири иттилоотӣ ва технологияҳои рақамӣ вобаста мегарданд. Ҳамзамон ин раванд дар назди давлатҳо маҷмӯи вазифаҳои нави сиёсӣ ва амниятиро ба миён мегузорад, ки аз ҷумла масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотӣ, ҳифзи фазои иттилоотии миллӣ, идоракунии самараноки ҷараёнҳои иттилоотӣ ва пешгирии таъсирҳои харобиовари иттилоотии беруна аҳаммияти махсус пайдо менамоянд.

Дар чунин шароити мураккаби геополитикӣ ва иттилоотӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар раванди ташаккули давлатдории муосир ва бунёди ҷомеаи иттилоотӣ бо як қатор таҳдидҳо ва хатарҳои нав рӯ ба рӯ мегардад. Ин таҳдидҳо дорои хусусияти гуногунанд ва метавонанд ҳам дар сатҳи дохилӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ зуҳур намоянд. Аз ҷумла, густариши бесобиқаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, паҳншавии босуръати иттилооти нодуруст, таъсири ҷараёнҳои иттилооти беруна ба афкори ҷамъиятӣ, инчунин истифодаи фазои маҷозӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсӣ ва идеологияи иртиҷоиву канорӣ метавонад ба устувории низоми сиёсӣ, амнияти миллӣ ва суботи иҷтимоии кишвар таъсири ҷиддӣ

расонад. Аз ин рӯ, дар шароити муосир масъалаи таҳкими амнияти иттилоотӣ ва идоракунии самараноки фазои иттилоотии миллӣ ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Татбиқи сиёсати мукаммали давлатӣ дар ин самт на танҳо барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, балки барои таъмини рушди устувори сиёсӣ, таҳкими давлатдорӣ ва нигоҳ доштани ҳамоҳангии иҷтимоӣ дар ҷомеа аҳаммияти калидӣ дорад.

Дар диссертатсия истиқлолияти иттилоотӣ шарти муҳим ва зарурии ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар фазои иттилоотӣ ва таъмини анмияти иттилоотӣ таҳқиқ гардидааст. Истиқлолияти иттилоотӣ, пеш аз ҳама, барои таъмини дахлнопазирии манфиатҳои ҳаётан муҳим – соҳибихтиёрии миллӣ, миллӣ будани фазои иттилоотӣ, қобилияти ба таври мустақилона идора намудани захираҳои зеҳнӣ тавассути фазои иттилоотӣ, сафарбарнамаоии иттилоотӣ аҳаммияти барҷаста дорад. Ба ибораи дигар, таҳкими заминаҳои истиқлолияти иттилоотӣ дар шароити тавсеаи набардҳои иттилоотӣ стратегияест, ки ба ҳимояи манфиатҳо ва амнияти миллии давлати миллӣ нигаронида шудааст. Ҳамин тавр, таҳқиқи набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди рақамикунонӣ ва мушаххас намудани роҳҳои ҳимояи амнияти иттилоотӣ ва ғоявии Тоҷикистон аҳаммияти калонро соҳиб аст.

Этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои ҳосилшуда, пеш аз ҳама, бо мутобиқати усулҳо ва методологияи таҳқиқот бо ҳадафу вазифаҳои диссертатсия асоснок карда мешаванд. Дар диссертатсияи мазкур миқдори зарурии адабиёти илмии ба мавзуъ дахлдор истифода гардидааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот андешаҳо ва хулосаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро ба таври назаррас ва васеъ истифода бурдааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бори аввал дар доираи илми сиёсии ватанӣ хусусиятҳо ва қонуниятҳои асосии ташаккул ва рушди набардҳои иттилоотӣ дар шароити густариши технологияҳои рақамӣ ба таври мукаммал таҳлил гардида, робитаи онҳо бо масъалаи таҳкими амнияти иттилоотӣ ва таҳкими соҳибихтиёрии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шудааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар марҳилаи муосири рушди ҷомеаи иттилоотӣ набардҳои иттилоотӣ ба яке аз шаклҳои муҳимми рақобати сиёсӣ ва воситаи таъсиррасонӣ ба равандҳои сиёсӣ табдил ёфтаанд. Дар ин замина, дар доираи таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои назариявию методологии набардҳои иттилоотӣ мавриди омӯзиш ва таҳлили амиқ қарор гирифта, ҳамзамон хусусиятҳои муҳимми назариявӣ ва методологии набардҳои иттилоотӣ ҳамчун шакли нави муборизаи сиёсӣ, ки ба тағйир додани муҳити сиёсӣ, шаклгирии афкори ҷамъиятӣ ва таъсиррасонӣ ба рафтори сиёсии ҷомеа равона мегардад, ба таври муфассал баррасӣ гардидааст.

Дар раванди таҳқиқот мавқеи набардҳои иттилоотӣ дар низоми муосири муносибатҳои сиёсӣ арзёбӣ гардида, аҳаммияти рушди технологияҳои рақамӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии тағйирёбии муҳити сиёсӣ ва афзоиши имкониятҳои таъсиррасонии иттилоотӣ асоснок гардида,

нишон дода шудааст. Таҳқиқот ҳамчунин таъсири хуҷумҳои сиёсию иттилоотӣ ва психологиро ба шуури ҷамъиятӣ мавриди таҳлил қарор дода, хусусиятҳои ба амал омадани набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, имкониятҳои зеҳни сунъӣ ва таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ дар ташаккули муҳити иттилоотӣ кушода дода шудаанд. Дар баробари ин, равандҳои афзоиши таҳдидҳои ғайрианъанавӣ дар натиҷаи густариши инфрасохтори рақамӣ ва рушди воситаҳои муосири иттилоотӣ баррасӣ гардида, таъсири ҳамлаҳои иттилоотию равонӣ ба шуури ҷамъиятӣ, механизмҳои амалисозии онҳо ва паёмадҳои эҳтимолии чунин равандҳоро барои суботи сиёсӣ ва устувории ҷомеа асоснок менамояд.

Ҳамзамон дар доираи таҳқиқот масъалаи таъмини амният ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити густариши набардҳои иттилоотӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, сенарияҳои эҳтимолии муқовимат ва ғолиб омадан дар чунин рақобатҳои иттилоотӣ таҳлил шудаанд. Дар ин замина, афзоиши набардҳои иттилоотӣ ва таъсири онҳо ба амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, роҳҳои таҳкими устувории фазои иттилоотии миллӣ нишон дода шудаанд. Мазмун, принсипҳо ва механизмҳои асосии таъмин ва таҳкими соҳибихтиёрии иттилоотии давлат муайян гардида, зарурати ташаккули сиёсати мукаммали давлатӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ асоснок карда шудааст. Масъалаи пешгирӣ ва коҳиши хавфу хатарҳои вобаста ба набардҳои иттилоотӣ дар шароити раванди рақамикунонии ҷомеа бо дарназардошти хусусиятҳои сиёсӣ ва амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, роҳҳои баланд бардоштани сатҳи муқовиматпазирии фазои иттилоотии миллӣ пешниҳод шудаанд. Дар таҳқиқот ҳамчунин истифодаи технологияҳои рақамӣ дар набардҳои иттилоотии муосир ва муайян намудани майдонҳои осебпазири фазои ракамӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар натиҷа, имкониятҳо, иқтидорҳо ва захираҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирӣ, безараргардонӣ ва коҳиши таъсири таҳдидҳои иттилоотӣ дар шароити муосир муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд, ки метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ ва амалӣ барои такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ва таҳкими суботи сиёсӣ хизмат намоянд.

Навгониҳои рисолаи илмиро, инчунин, натиҷаҳое, ки дар раванди таҳқиқот ба даст омадаанд, муайян менамоянд.

Дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шуданд, ки онҳо дар замони муосир ҳамчун навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд.

Саҳми докторант дар коркарду корбурди сарчашмаҳои назариявӣ, тартиб додани нақшаи кори илмӣ, услуби таълиф ва масъалагузорию пешниҳодҳо, таҳияи мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо оид ба мавзӯи диссертатсия зоҳир мегардад.

2. Мавзуи диссертатсионии Саидзода Д.А. ба талаботи бандҳои 32 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295)

тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Таҳқиқот ба назарияҳои дахлдори илмҳои сиёсӣ асос ёфта, заминаи назариявӣ ва амалӣ-таҷрибавиро барои таҳқиқи масъалаҳои набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ дар мисоли Тоҷикистон фароҳам овардааст. Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии натиҷаҳо, бар асоси таҳлили илмию натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ-таҷрибавӣ пешниҳод карда мешаванд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ муайян гардидааст, ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мутобиқат менамояд. Дар банди 8-уми шиносномаи ихтисоси мазкур «Субъектҳои ноаён дар сиёсат», дар банди 10-ум «Назарияи аксионизми сиёсӣ», «Консепсияи рушди устувор дар илмҳои сиёсӣ» ва дар банди 11-ум «Омилҳои хавф» ва «Усулҳои таҳлили хавфҳои сиёсӣ» барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ асосҳои назариявию методологии таҳқиқи набардҳои иттилоотӣ, ҳолати тавсеаи онҳо дар шароити рушди рақамикунонӣ ва инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ, хатарҳо ва таҳдидҳои вобаста ба набардҳои иттилоотӣ ва инкишофи таҳдидҳои ғайрианъанавии иттиоотӣ ва таъсири онҳо ба амният ва суботи Тоҷикистон, таъмини анимяти иттилоотӣ, амнияти киберӣ, механизми ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити тавсеаи набардҳои иттилоотӣ, сенарияи набардҳои иттилоотӣ ва ғайра масъалаҳои муҳимми никшофи назария ва амалияи сиёсӣ мавриди таҳқиқ ва хулосагириҳо карор гирифтаанд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 15 мақола дар маҷаллаҳои дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда, интишор гардидааст

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Д.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиботи додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Саидзода Д.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

7. Банди 53-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ пешниҳод менамояд:

1) Диссертатсияи Саидзода Диловар Абдулаҳад дар мавзуи **«Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ (дар мисоли Тоҷикистон)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва

технологияи сиёсӣ дар Шурои дессертатсионии 6D.КОА–О79 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2) Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- доктори илмҳои сиёсӣ Назарзода Пиралӣ Сафар;
- доктори илмҳои сиёсӣ Саидов Ҳомид Саидович;
- доктори илмҳои фалсафа Саидов Абдулманон Сатторович.

3) Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4) Нашри эълон оид ба ҳимояи ошкорои диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ ва сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5) Чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва паҳн намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Ш. Т.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои сиёсӣ Комилбек А. Ё.

доктори илмҳои сиёсӣ Қурбонова З. М.